## ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Тураев Абунаср Маҳмадхоҷаевич дар мавзӯи "Хусусиятҳои грамматикӣ ва лексикии муъарработи забони форсӣ (тоҷикӣ) дар забони арабӣ" (дар "Фарҳанги ҷомеи корбурдии Фарзон"-и Парвизи Атобакӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22- забонҳои халқҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони форсӣ)**

Комиссияи ташхис ба диссертатсияи А.М. Тураев дар мавзӯи "Хусусиятҳои грамматикӣ ва лексикии муъарработи забони форсӣ (тоҷикӣ) дар забони арабӣ" (дар "Фарҳанги ҷомеи корбурдии Фарзон"-и Парвизи Атобакӣ) аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 - забонҳои халқҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони форсӣ) шинос шуда, таъкид менамояд, ки мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсияи зикршуда комилан, ба ихтисоси мазкур мутобиқат менамояд.

Мавзӯи интихобкардаи диссертатсияи унвонҷӯ А.М. Тураев ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии форсӣ (тоҷикӣ) - таъсири мутақобилаи забонҳои арабӣ ва форсӣ (тоҷикӣ) дар асоси лексикаи ба истилоҳ "ал-муъарработ" (*калимаҳои бегонаи арабишуда*), ки аз маводи "Фарҳанги ҷомеи корбурдии Фарзон"- и Парвизи Атобакӣ гирдоварӣ гардидаанд, бахшида шудааст.

Аҳамияти мавзӯи таҳқиқ дар он аст, ки дар асоси лексикаи ба истилоҳ "ал-муъарработ", ки як бахши муҳимми фонди луғавии забони адабии арабиро ташкил медиҳад, имкон фароҳам омадааст, ки ба таърихи оғози алоқаҳои забонии забонҳои арабӣ ва форсӣ (тоҷикӣ), нақши воҳидҳои лексикии ба истилоҳ "ал-муъарраб" дар пешрафти забони арабӣ аз даврони қадим ва то ҳол ва ба роҳҳои мутобиқшавии ин навъи лексика дар забони арабии муосир равшанӣ андохта шудааст.

Навгонии мавзӯи диссертатсионии мазкур аз он иборат аст, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик лексикаи ба истилоҳ "ал-муъарраб" аз маводи яке аз фарҳангҳои муътабари асри XX бо номи "Фарҳанги ҷомеи корбурдии Фарзон (арабӣ-форсӣ)", ки аз ҷониби яке аз арабшиносони шинохтаи Эрон Парвизи Атобакӣ омода гардида, шомили зиёда аз 120 ҳазор калима мебошад, мавриди таҳқиқ ва баррасии забоншиносӣ қарор дода шудааст. Маводи гирдоваригардида ва таҳқиқшуда аз сарчашмаи мазкур зиёда аз 320 калимаи аз ҷиҳати бaромади худ форсӣ (тоҷикӣ)-ро ташкил дода, баъди таҳқиқ ва баррасии

забоншиносӣ бо тартиби алифбо дар замимаи диссертатсия илова карда шудааст.

А. Тураев дар ду боби кори диссертатсионӣ ва фаслҳои алоҳидаи он маводи забонии "Фарҳанги ҷомеи корбурдии Фарзон"- ро аз паҳлӯҳои мухталиф дар ду забони муқоисашаванда (арабӣ ва форсӣ) мавриди таҳқиқи забоншиносӣ қарор дода, кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба саволҳои: сабабҳо ва заминаҳои алоқаҳои мутақобилаи забони форсӣ (тоҷикӣ) ва арабӣ, вижагиҳои алоқаҳои забонӣ ва таърихии ин ду забон, миқдори вожаҳои ба истилоҳ "ал- муаъррб" дар ин фарҳанг, таҳқиқ ва баррасии забоншиносии онҳо аз назари фонетика, морфология, лексикология, дараҷаи корбурди ин қишри калимаҳо дар забони форсӣ (тоҷикӣ) ва нақши онҳо дар истилоҳсозии забони арабӣ ҷавоб гӯяд.

Унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқи диссертатсияи худ асосан, усулҳо (методҳо)-и муқоисавӣ-таърихӣ, ҳамзамониву (синхронӣ), дерзамонӣ ё таърихӣ (диахронӣ), таҳлили луғавӣ-маъноӣ (лексикӣ-семантикӣ) ва омориро ба кор бурда, таҳқиқоти хешро ба анҷом расонидааст. Дар зимни таҳқиқ ба масъалаи муҳим, ки он ҳам тағйир ва таҳаввули муъарработ дар забони арабӣ мебошад, диққати хоса дода, вижагиҳои онҳоро бо мисолу далелҳои мушаххас муайян сохтааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ диссертант ба назария ва усули таҳқиқу дастовардҳои илмии забоншиносон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намудааст. Хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Нуктаҳои асосӣ, мазмун ва мундариҷаи натиҷаҳои таҳқиқ дар чаҳор мақолаи унвонҷӯ, дар маҷаллаи илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти мавзӯи пажӯҳишӣ зикр ёфта, роҷеъ ба падидаи забоншиносии "ал-муъарработ" дар забони арабӣ андешаҳои муҳимми забоншиносӣ байён гардида, нақши онҳоро дар пешбурд ва бой гардонидани фонди луғавии забони арабӣ таъкид шудааст.

Аҳамияти мавзӯи таҳқиқ, тозагиҳои илмӣ ва арзишҳои амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Тураев Абунасрро дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва лексикии муаъррабoти забони форсӣ (тоҷикӣ) дар забони арабӣ» таҳқиқи анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.22- забонҳои халқҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони форсӣ) ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ –таҳқиқии ба ихтисоси 10.02.22 забонҳои халқҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони форсӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Султонов Мирзоҳасан Баротович:** Сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ АИ ҶТ, доктори илмҳои филология, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Усмонова Мунаввара Холиқовна:** номзади илмҳои филологӣ, кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Раиси комиссияи ташхис:**

Докроти илмҳои филологӣ, профессор,

узви шӯрои диссертатсионӣ Маҷидов Ҳ.

**Аъзоёни комиссияи ташхис:**

Докроти илмҳои филологӣ, профессор,

узви шӯрои диссертатсионӣ Мамадназаров А.

Докроти илмҳои филологӣ, профессор,

узви шӯрои диссертатсионӣ Шарипова Ф.